Бо Қарори Раёсати Бонки
миллии Тоҷикистон
аз "26" декабри с. 2013, №310
"тасдиқ шудааст"

**Дастурамали № 202**
**«Дар бораи тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият»**

Дастурамали №202 "Дар бораи тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият" (минбаъд-Дастурамал) мутобиқи қисми 2 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» таҳия шуда, тартиб ва қоидаҳои иҷозатномадиҳӣ, кушодану бастан, бақайдгирӣ, ташкил ва назорати фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор, тартиби анҷомдиҳӣ, баҳисобгирӣ, ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳии амалиёти мубодилаи асъорро муқаррар мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Нуқтаи мубодилаи асъор (минбаъд – нуқтаи мубодила) – ҷои махсусест, ки дар он ташкилоти қарзӣ ва шахси воқеӣ-соҳибкори инфиродӣ дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон амалиёти мубодилаи асъорро бо муштариён анҷом медиҳанд.

Иҷозатномаи мазкур барои ташкилоти қарзӣ Иҷозатнома оид ба анҷом додани амалиётҳои бонкӣ бо асъор ва барои шахси воқеӣ - оид ба анҷом додани амалиёти мубодилаи асъор маҳсуб мешавад. Минбаъд ин ташкилотҳои қарзӣ „бонки ваколатдор" ва ин шахсони воқеӣ „шахси ваколатдор" номида мешаванд.

2. Муштариён – шахсони воқеӣ (резидент ва ғайрирезидентҳо) амалиёти мубодилаи асъорро дар нуқтаи мубодила, инчунин дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ, хазинавӣ, нуқтаҳои интиқоли пул ва нуқтаҳои мубодилаи худкори бонкҳои ваколатдор бо тартиби муқарраркардаи Дастурамали мазкур анҷом дода метавонанд.

Анҷом додани амалиёти мубодилаи асъор дар ҷои дигар манъ аст. Риоя накардани талаботи мазкур вайрон кардани тартиби анҷом додани амалиёти асъорӣ буда, гунаҳкорон мутобиқи қонунгузории ҷумҳурӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

3. Дар нуқтаи мубодила амалиётҳои зерин, ки дар маҷмӯъ „амалиёти мубодила" ном доранд, анҷом дода мешаванд:

а) хариду фурӯши асъори нақд бо пули нақди миллӣ (мубодила);

б) ивази асъори нақд ба асъори нақди давлати дигар (табдил);

в) майда кардани асъори нақд ба пули худи ҳамон давлат;

г) ивази асъори фарсуда, осебдидаи нақд ба асъори коршоями ҳамон давлат.

4. Иҷрои ҳама амалиёти мубодила дар нуқтаҳои мубодила ва дигар муассисаҳои бонкҳои ваколатдор ҳатмӣ мебошад.

Нуқтаҳои мубодилаи шахсони ваколатдор бо дарназардошти имкониятҳои худ, метавонанд ҳама ё қисме аз амалиёти мубодиларо анҷом диҳанд.

5. Дар нуқтаи мубодила хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро низ ташкил кардан мумкин аст.

Тартиби хизматрасонии мазкур аз тарафи бонки ваколатдор бо дарназардошти талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар мегардад.

Тартиби хизматрасонии мазкур дар нуқтаи мубодилаи шахсони ваколатдор дар шартномаи бо бонки ваколатдори хизматрасон баста шуда, муайян мегардад.

6. Бонкҳо ва шахсони ваколатдор вазифадоранд дар нуқтаҳои мубодила бе мамоният ва бе ситонидани ҳаққи хизмат пулҳои миллии фарсуда ва осебдидаро ба пулҳои миллии коршоям иваз намоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) ва бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) вазифадоранд бе мамоният, бе маҳдудияти ҳаҷм ва ситонидани ҳаққи хизмат пулҳои миллии фарсуда ва осебдидаи тавассути нуқтаҳои мубодила қабулшудаlook бо пулҳои миллии коршоям иваз намоянд.

7. Бонк ва шахси ваколатдор нуқтаи мубодиларо дар маҳалаҳое, ки дар он ҷойҳо талабот ба амалиёти мубодила мавҷуд аст, аз ҷумла дар бинои муассисаҳои худ, посгоҳҳои гумрукӣ, фурудгоҳҳо, меҳмонхонаҳо, мағозаҳо, дар ҳудуди бозорҳо ва ҷойҳои дигар кушода метавонанд.

8. Бонкҳои ваколатдор ва филиалҳои онҳо вобаста ба талабот ва имкониятҳои моддию техникиашон, метавонанд бе маҳдудияти шумора нуқтаи мубодила кушоянд.

9. Шахси ваколатдоре, ки ҳамчун соҳибкори инфиродии тавассути патент андозбандишаванда ба қайд гирифта шудааст, ҳуқуқи аз номи худ кушодани танҳо як нуқтаи мубодиларо дорад.

Барои аз номи худ кушодани якчанд нуқтаи мубодила, шахси ваколатдор бояд дар мақоми андоз ҳамчун соҳибкори инфиродии тавассути шаҳодатнома андозбандишаванда аз қайд гузарад.

10. Барои таъмини анҷомдиҳии амалиёти мубодила, бонк ва шахси ваколатдор бояд ба ҳар як нуқтаи мубодилаи худ бо пули миллӣ ва асъори нақд (аз он ҷумла, бо пулҳои арзишашон хурд) воситаҳои гардон ҷудо намоянд.

Воситаҳои гардон дар оғози фаъолияти нуқтаи мубодила дода шуда, дар оянда мутобиқи дархости хазинадор аз ҷониби бонк ва ё шахси ваколатдор метавонад зиёд ё кам карда шавад.

Ҷудо кардани воситаҳои гардон аз ҷониби бонки ваколатдор ва додани он набояд бо ягон шартҳои иловагӣ, ба монанди аз тарафи хазинадорон (хешу табору наздикони онҳо) гузоштани амонат ва ё гарав ё пардохт кардани ягон фоизи қаблан муқарраршуда ё дигар, вобаста карда шавад.

11. Ба ғайр аз воситаҳои гардон, бонки ваколатдор бо мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷоти худ метавонад ба нуқтаи мубодилавии худ маблағи иловагӣ бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ ҷудо намояд.

Ҷудо намудан ва истифода шудани ин маблағҳо бо фармони алоҳида бо нишон додани қурби харид ё фурӯш ва ё табдил муқаррар карда мешавад. Мавҷудияти фармони мазкур (нусхаи тасдиқшудаи он), ҳуҷҷатҳои хароҷоти кассавӣ ва феҳрасти алоҳидаи хариду фурӯш дар лаҳзаи анҷом додани амалиёт аз ҳисоби ин маблағҳо дар нуқтаҳои мубодила ҳатмӣ мебошад.

Аз ҳисоби ин маблағҳо харидорӣ намудани асъор барои ба муштариён нафурӯхтани он сабаб шуда наметавонад.

12. Воситаҳои гардони нуқтаҳои мубодилаи шахсони ваколатдор маблағҳои шахсии онҳо буда, аз андозбандӣ озод мебошанд. Ин маблағҳо танҳо барои бевосита гузаронидани амалиёти мубодила ва таъмини фаъолияти нуқтаҳои мубодила пешбинӣ шудаанд.

Хазинадори нуқтаи мубодилаи шахси ваколатдор маблағи воситаҳои гардони онро пеш аз оғози ҳар як рӯзи корӣ дар феҳристи хариду фурӯши асъори хориҷӣ ва ё Дафтари баҳисобгирии амалиёт (минбаъд – Дафтар) нишон медиҳад.

13. Кормандони нуқтаи мубодила - хазинадор, хазинадори калон, амалиётчӣ-нозир ва ё нозир буда метавонанд.

Хазинадорони нуқтаи мубодилаи бонки ваколатдор кормандони сохтории он мебошанд. Бо шартҳои дигар киро кардани хазинадор ба кор манъ аст. Барои вайрон кардани ин талабот нуқтаи мубодила аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии вай (минбаъд - мақоми назоратӣ) муваққатан баста мешавад.

Ҳангоми зарурат бонки ваколатдор ҳуқуқ дорад шумораи сохтории кормандони нуқтаҳои мубодиларо зиёд кунад.

Хазинадори нуқтаи мубодилаи шахси ваколатдори дар асоси шаҳодатнома фаъолият намоянда, метавонад худи ҳамон шахс ва ё шахси дигаре бошад, ки шахси ваколатдор бо ӯ шартномаи меҳнатӣ бастааст.

14. Хазинадорон ва дигар кормандони нуқтаҳои мубодила бояд қоида ва тартиби гузаронидани амалиёти мубодила, ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳии онҳо, тартиби барасмиятдарории варақаҳои ҳисоботи махсусро дониста, донишу малакаи муайянкунии аслият ва пардохтпазир будани асъор ва пули миллӣ, ташкил ва бурдани ҳуҷҷатгузорӣ, нигаҳдории дороиҳо ва таъмини бехатарӣ ҳангоми анҷомдиҳии амалиётро дошта бошанд.

15. Бонкҳо ва шахсони ваколатдор бояд тайёрии касбии хазинадор ва дигар кормандони нуқтаи мубодиларо тавассути шаклҳои гуногуни омӯзиш ва ё коромӯзӣ ташкил ва анҷом диҳанд.

Хазинадори нуқтаи мубодила бидуни доштани ҳуҷҷати дахлдор (шаҳодатнома, тасдиқнома, диплом, гувоҳинома, маълумотнома ва ғайра), ки аз чунин тайёрӣ гузаштани ӯро тасдиқ мекунад, набояд ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ роҳ дода шавад. Ҳуҷҷати мазкур бояд бо тартиби муайян ба расмият дароварда шуда, дар нуқтаи мубодила нигоҳ дошта шавад.

Набудани он боиси муваққатан боздоштани фаъолияти нуқтаи мубодилаи мазкур аз ҷониби мақоми назоратӣ мегардад. Фаъолияти он танҳо баъди аз тайёрӣ гузаштани хазинадор ва гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунанда мумкин аст барқарор карда шавад.

16. Ба ҳуҷраи хазинадори нуқтаи мубодила даромадан ва дар он ҷо будани шахсони бегона, ба ғайр аз кормандони пулрасонӣ, масъулони бонк ё шахси ваколатдор ва ё кормандони масъули мақоми назоратӣ, ки дар ин нуқтаи мубодила санҷиш мегузаронанд, манъ аст.

17. Қурби хариду фурӯши асъорро бонкҳо ва шахсони ваколатдор мустақилона бо фармони (санади) дахлдор бо назардошти талаботу пешниҳоди асъор дар бозор барои ҳар як рӯзи корӣ муқаррар мекунанд.

18. Ҳангоми зарурият, бонк ва шахси ваколатдор метавонанд барои нуқтаҳои мубодилаи алоҳида бо зикр кардани нишонӣ ва рақами қайди онҳо қурбҳои алоҳида муқаррар намуда, қурбҳои қаблан муқаррарнамударо дар давоми рӯзи корӣ тағйир диҳанд.

19. Иттилоот дар хусуси ҳамаи тағйироти қурбҳои хариду фурӯш бояд мувофиқан аз ҷониби бонк ва шахси ваколатдор ба қайд гирифта шуда, саривақт ба ҳамаи нуқтаҳои мубодилаи тобеъи онҳо расонида шавад.

Дар нуқтаҳои мубодила анҷом додани амалиёти мубодилавӣ бидуни санади расмӣ оид ба қурбҳои хариду фурӯш, манъ аст.

Дар ҳолати аз тарафи хазинадорони нуқтаҳои мубодила худсарона муқаррар намудани қурбҳо ва ё бе санад анҷом додани амалиёти мубодила нисбати онҳо аз тарафи бонк ва шахси ваколатдор ва ё мақоми назоратӣ чораи интизомӣ татбиқ карда мешавад. Дар сурати аз ҷониби бонк ва шахси ваколатдор надидани чораҳои зарурӣ нисбати ин нуқтаи мубодила аз ҷониби мақоми назоратӣ ҷарима ё муваққатан боздоштани фаъолият татбиқ карда мешавад.

20. Ҳаққи хизмат барои анҷом додани амалиёти майдасозӣ, иваз кардани асъорҳо аз ҷониби бонк ва шахсони ваколатдор мустақилона дар асоси тарифҳои ҳаққи хизмати бонки ваколатдор ва фоиданокии ин амалиёт барои шахсони ваколатдор муқаррар карда шуда, бо пули миллӣ гирифта мешавад.

21. Даромади нуқтаи мубодила аз фарқияти маблағҳои аз анҷомдиҳии амалиёти мубодила (харид ва фурӯши асъор) ба дастомада ва маблағи ҳаққи хизматрасониҳои дигар иборат аст.

Маблағи даромад бо пули миллӣ ҳамчун ҷамъи фарқияти бақияи маблағ дар феҳристи харид ва фурӯши асъори нақд ва ё Дафтар ва маблағи ҳаққи хизматрасониҳои дигар дар анҷоми рӯзи корӣ ҳисоб ва дар ҳисоботи ҳаррӯза аз ҷониби хазинадор дарҷ мегардад.

22. Бонкҳои ваколатдор вазифадоранд механизми ба хазина ворид кардани маблағи даромади ҳаррӯза ва воситаҳои гардони нуқтаи мубодиларо бо дарназардошти шароиту имкониятҳои хадамоти пулрасонии худӣ ё шартномавӣ коркард ва татбиқ намоянд.

Танҳо дар ҳолати доштани имконияти иҷрои талаботи мазкур бонки ваколатдор метавонад нуқтаи мубодилаи берун аз муассисаҳои худаш ҷойгир шударо кушояд.

Бонки ваколатдор бояд бо ҳуҷҷати алоҳидаи хазинавӣ, ки нусхаи он ба ҳуҷҷатҳои рӯзи нуқтаи мубодила дӯхта мешавад, қабули даромадро тасдиқ намояд. Даромади нуқтаи мубодила бо тартиби муқарраршудаи ҳисобдорӣ якҷо бо дигар даромадҳои бонки ваколатдор дар маҷмӯъ ба ҳисоб гирифта мешавад.

23. Даромади нуқтаи мубодилаи шахси ваколатдор дар анҷоми ҳар як рӯзи корӣ ҳисоб ва дар ҳисоботи он рӯза инъикос гашта, оғози рӯзи кории дигар дар феҳристи харид ва фурӯш ё Дафтар нишон дода шуда, ба маблағи воситаҳои гардони ин нуқтаи мубодила ҷамъ карда мешавад.

Дар ҳолати истифода шудани даромад барои ҷуброни хароҷотҳои ҷории нигоҳдории нуқтаи мубодила, ин амал бояд аз ҷониби шахси ваколатдор ба расмият дароварда шуда, дар ҳисоботи ҳамонрӯза инъикос ва бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ гардад.

Шахсони ваколатдор бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ андоз аз фоидаи нуқтаҳои мубодиларо тавассути низоми андозбандии патентӣ ва ё шаҳодатномавӣ месупоранд.

Шахсони ваколатдоре, ки тавассути шаҳодатнома андозбандӣ мешаванд, вазифадоранд нуқтаҳои мубодилаи худро бо таҷҳизоти хазинавии назоратии хотираи фискалӣ дошта таъмин намуда, онҳоро ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти мубодила истифода баранд.

24. Бонкҳо ва шахсони ваколатдор ҳақ надоранд мустақилона оид ба арзиши пули миллӣ ва асъор, соли бароriш, маблағи харидоришаванда ё фурӯхташаванда маҳдудият муқаррар намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки маҳдудият аз бақияи воқеӣ бо пули миллӣ ва асъори нақди дар хазинаи нуқтаи мубодила мавҷудбуда ва ё аз талаботи Дастурамали мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Бонки миллии Тоҷикистон бар меояд.

25. Аз тарафи хазинадор бесабаб нафурӯхтани асъори нақд ба муштариён, барои аз ҷониби мақоми назоратӣ татбиқ намудани чораҳои таъсиррасон, аз ҷумла ситонидани ҷарима ва ё мувақатан боздоштани фаъолияти ин нуқтаи мубодила асос мегардад.

Дар ҳолати аз тарафи хазинадори нуқтаи мубодила харҷ кардани воситаҳои гардон бо пули нақди миллӣ ва ё асъор ва маблағҳои дар давоми рӯзи корӣ аз амалиёти гузаронидашуда ба вуҷуд

омада, барои гузаронидани амалиёти танҳо харид ва ё танҳо фурӯши асъори нақд иҷозат дода мешавад.

26. Хазинадорони нуқтаҳои мубодила ҳангоми ошкор кардани пулҳои қалбакӣ ва сохтаи миллӣ ва ё асъорӣ вазифадоранд онҳоро барнагардонида, санад тартиб диҳанд ва барои андешидани чораҳои зарурӣ ба бонкҳо ва шахсони ваколатдор ва ё мақомоти назоратӣ хабар диҳанд.

Бонкҳо ва шахсони ваколатдор вазифадоранд дар бораи аҳдҳои шубҳаноки ҳангоми мубодилаи асъор ошкоршуда ба мақоми ваколатдор дар самти муқовимат ба қонунгардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм - Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон бо тартиби муқарраршуда маълумот пешниҳод намоянд.

27. Баҳисобгирии амалиёти мубодилаи асъор тавассути ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои муҳосибие, ки ҳаракати воситаҳои гардони нуқтаи мубодила ва амалиёти анҷомдодашударо дар давоми рӯзи корӣ инъикос менамояд (ҳуҷҷатҳои рӯз), сурат мегирад.

Дар давоми рӯзи корӣ хазинадори нуқтаи мубодила бояд ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии амалиёти мубодила, варақаҳои ҳисоботдиҳии махсус ва дигар ҳуҷҷатҳои хазинавии дахлу харҷро ба расмият дарорад.

28. Бонки ваколатдор ҳисобдории амалиёти мубодиларо мутобиқи тартиби муқарраршуда баҳисобгирии амалиёти бонкӣ бо асъор муқарраршуда анҷом медиҳанд.

Ҳисобдории амалиёти мубодила дар бонки ваколатдор дар шаклҳои ҳисобгирии куллӣ, таҳлили (ҷузъӣ) ва ғайритавозунӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамаи амалиётҳои нуқтаҳои мубодила дар тавозуни бонки ваколатдор бояд дар ҳамон рӯзе, ки анҷом дода шудаанд, инъикос гарданд.

Дар ҳолати шабонарӯзи ё худ аз давомнокии рӯзи кории бонки ваколатдор дароз будани рӯзи кории нуқтаи мубодила, хазинадори нуқтаи мубодила то хотима ёфтани рӯзи кори бонки ваколатдор, оид ба натиҷаи кори ҳамин рӯз бо дарназардошти натиҷаи корҳо пас аз пешниҳоди ҳисобот барои рӯзи гузашта, ки бегоҳӣ ва шабона анҷом ёфт, ба бонки ваколатдор ҳисобот пешниҳод мекунад.

Дар ҳолати дар рӯзҳои истироҳат ва ид фаъолият намудани нуқтаҳои мубодила, амалиёт дар ин рӯзҳо бояд дар тавозуни рӯзи корие, ки баъд аз ин рӯзҳо меояд, инъикос гардад.

29. Ҳисобгирии куллӣ аз рӯи амалиёти мубодила бо сомонӣ анҷом меёбад. Дар ин маврид асъор бо сомонӣ аз рӯи қурби расмии асъори хориҷӣ бо сомонӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар таърихи анҷомдиҳии амалиёт муқаррар кардааст, бозшуморӣ карда мешавад.

Ҳисобгирии таҳлилии амалиёти мубодила дар ҳисобномаҳо ва Китоби баҳисобгирии фаъолият аз рӯи ҳар кадом навъи асъор ва бо дарназардошти ҳар кадом нуқтаи мубодила амалӣ мегардад.

30. Ҳисобгирӣ дар ҳисобномаҳо дар асоси варақаҳои хазинавии хароҷоту даромад, ҳамчунин дар асоси феҳрист ва ё Дафтар ва ҳисоботе, ки Дастурамали мазкур муқаррар кардааст, пеш бурда мешавад.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ КУШОДАН, БАҚАЙДГИРӢ ВА ТАШКИЛИ КОРИ НУҚТАҲОИ МУБОДИЛА

31. Кушодан ва ба қайд гирифтани нуқтаҳои мубодилаи бонкҳои ваколатдор бо тартиби зерин сурат мегирад.

Нуқтаи мубодила дар асоси фармони роҳбари бонк (филиали он) кушода мешавад. Дар фармон нишонии нуқтаи мубодила, номгӯи амалиёти анҷомдодашаванда, воҳиди кормандон, реҷаи кори нишон дода шуда, шахсони масъуле, ки ба зиммаи онҳо роҳбарӣ ва назорати фаъолияти нуқтаҳои мубодила гузошта шудааст, муайян карда мешаванд.

Дар фармон талаботи дигаре, ки ба муқаррароти Дастурамали мазкур хилоф нестанд, дарҷ ёфта метавонанд.

Кушодан ва бақайдгирии нуқтаҳои мубодиларо асосан саридораҳои бонкҳои ваколатдор бо интишори фармон ва дар асоси он додани Тасдиқнома дар хусуси ба қайд гирифтани онҳо (минбаъд - Тасдиқнома), анҷом медиҳанд.

32. Бонкҳои ваколатдор инчунин ҳуқуқ доранд, ки филиалҳои худро барои мустақилона кушодан ва ба қайд гирифтани нуқтаҳои мубодила ваколатдор намоянд. Ҳисобот оид ба нуқтаҳои мубодилаи аз ҷониби филиал кушодашуда ба саридораи бонки ваколатдор пешниҳод карда мешавад.

Тасдиқнома (мутобиқи Замимаи №1 Дастурамали мазкур) дар варақаи расмии бонки ваколатдор (филиали он) таҳия шуда, бо имзои роҳбар ва мухр ба расмият дароварда мешавад.

Тасдиқнома барои ба фаъолият оғоз кардани нуқтаи мубодилаи бонки ваколатдор асос шуда, бояд дар нуқтаи мубодила нигаҳдорӣ карда шавад.

33. Бонки ваколатдор (филиали он) барои ҳар як нуқтаи мубодила Парванда мекушоянд, ки дар он ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба кушодан, бақайдгирӣ ва фаъолияти нуқтаҳои мубодила нигаҳдорӣ карда мешаванд. Аз ҷумла:

- нусхаи фармон оид ба кушодашавӣ ва бақайдгирӣ;
- хулоса оид ба омодагӣ ба оғози фаъолият;
- маълумотнома дар бораи хазинадор (мутобиқи Замимаи №2 Дастурамали мазкур);
- шартнома оид ба масъулияти пурраи моддии хазинадор ва дигар ҳуҷҷатҳо.

Парванда бояд дар ҷои бақайдгирии нуқтаи мубодила (дар бонки ваколатдор ё филиалҳои вай) нигаҳдорӣ шавад.

34. Барои кушодан ва бақайдгирии нуқтаҳои мубодилае, ки берун аз муассисаи бонки ваколатдор, дар манзилҳои истиқоматӣ ва дигар биноҳо ҷойгир карда мешаванд, бонки ваколатдор бо соҳибони ин манзилҳо (биноҳо) шартномаи иҷора (хариду фурӯш) мебандад. Агар нуқтаи мубодила берун аз бино (манзил) дар ҷойҳое, ки розигии (гирифтани иҷозати) мақоми дахлдори давлатӣ талаб карда мешавад, кушода шавад, бонки ваколатдор бояд тамоми ҳуҷҷатҳои заруриро дар бораи гирифтани чунин розигӣ (иҷозат) дошта бошанд.

35. Бонкҳои ваколатдор вазифадоранд, ки дар бораи кушода шудани (баста шудани) ҳар як нуқтаи мубодила дар муҳлати то се рӯз аз таърихи бақайдгирии (басташавии) он ба Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) хабар диҳанд.

36. Бонкҳо метавонанд фаъолияти нуқтаи мубодилаи асъори амалкунандаро барои таъмиру таҷдиди он муваққатан боз доранд.

Дар ҳолати ба итмом расидани муҳлати амали шартномаи иҷора ва ё бо сабабҳои дигар иваз кардани суроғаи нуқтаи мубодила бонки ваколатдор фаъолияти ин нуқтаи мубодиларо қатъ

ва Тасдиқномаи бақайдгирии онро аз эътибор соқит карда, дар суроғаи нав нуқтаи мубодила кушода, онро бақайд мегирад ва Тасдиқномаи нав медиҳад.

37. Кушодан ва ба қайд гирифтани нуқтаи мубодилаи асъори шахсони ваколатдор бо тартиби зерин сурат мегирад.

Шахсони ваколатдор пас аз интихоби ҷойи мувофиқ барои кушодани нуқтаи мубодила ба Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) барои гирифтани Иҷозатнома ва бақайдгирии он муроҷиат менамоянд.

Шахсони ваколатдор якҷо бо ариза, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро бояд пешниҳод намоянд:

- нусхаи шиноснома;
- маълумот оид ба рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- маълумотнома дар бораи хазинадор (мутобиқи Замимаи №2 Дастурамали мазкур);
- нусхаи ҳуҷҷате, ки тайёрии касбии хазинадорро тасдиқ мекунад;
- нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи моликияти ҷои нуқтаи мубодила, агар вай моликияти шахси ваколатдор бошад, ё шартномаи иҷораи ин ҷой;
- маълумотнома оид ба насби таҷҳизоти сабти мушоҳидавӣ бо нишон додани имкониятҳои кории он;
- нусхаи санад дар бораи кушодани нуқтаи мубодила бо нишон додани суроғаи аниқи ҷойгиршавӣ, воҳиди корӣ, рӯйхати амалиёти мубодилаи асъори анҷомдодашаванда, реҷаи корӣ.

38. Баъди пешниҳод шудани ин бастаи ҳуҷҷатҳо дар муҳлати то даҳ рӯз мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) онҳоро баррасӣ намуда, санҷиши омодагии ҳуҷраи хазинадори нуқтаи мубодила ва тайёрии касбии хазинадоронро тариқи ба маҳал баромадан, мегузаронанд.

Аз рӯи натиҷаи санҷиш хулоса дар бораи додан ё надодани Иҷозатнома ва бақайдгирӣ ё рад намудани бақайдгирии нуқтаи мубодилаи мазкур тайёр карда мешавад.

39. Ҳангоми хулосаи мусбат шахси ваколатдор аз қайди мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии нуқтаи мубодила ҳамчун соҳибкори ба анҷомдиҳии амалиёти мубодила машғулбуда гузашта, нусхаи патент ё шаҳодатномаи андозсупорандаро ба Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) пешниҳод менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон (шӯъбаҳои минтақавии вай) нуқтаи мубодилаи кушодашударо дар Китоби бақайдгирии нуқтаҳои мубодилаи асъори шахсони воқеӣ ба қайд гирифта, Иҷозатнома медиҳад.

Иҷозатнома (мутобиқи Замимаи №3 Дастурамали мазкур) аз тарафи Раис ё муовини Раиси (роҳбарони шуъбаҳои минтақавии) Бонки миллии Тоҷикистон ба имзо расида, бо мухр тасдиқ карда мешавад.

Иҷозатнома ва патент ё шаҳодатномаи мақоми андоз барои бевосита ба кор шурӯъ намудани нуқтаи мубодилаи шахси ваколатдор асос мебошад. Онҳо бояд бо ҳамроҳии дигар ҳуҷҷатҳо дар ҳуҷраи хазинадори нуқтаҳои мубодила нигоҳ дошта шаванд.

Ҳангоми хулосаи манфӣ, Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) ба шахси ваколатдор ба таври хаттӣ ҷавоби асосноки рад медиҳад.

Барои баррасӣ гардидани ариза дар бораи додани Иҷозатнома ва додани он аз шахси ваколатдор тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ҳаққи хизмат ва хироҷи давлатӣ ситонида мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) метавонанд ҳангоми аз тарафи шахси ваколатдор дар давоми то понздаҳ рӯз пардохт накардани маблағи хироҷи давлатӣ ва ё нагирифтани Иҷозатнома онро аз эътибор соқит намоянд.

40. Дар ҳолати ба итмом расидани мухлати амали Иҷозатнома, шартномаи иҷора ва ё бо сабабҳои дигар иваз кардани суроғаи ҷойгиршавии нуқтаи мубодила, шахси ваколатдор ин нуқтаи мубодилаи асъорро баста, метавонад барои гирифтани Иҷозатномаи нав ба Бонки миллии Тоҷикистон (шӯъбаҳои минтақавии вай) бо тартиби муқарраршуда муроҷиат намояд.

Дар ин ҳолат барои гирифтани Иҷозатнома шахси ваколатдор ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо хироҷи давлатӣ пардохт менамояд.

41. Нуқтаи мубодила бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

1) дар дохили биноҳои дорои таъиноти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, хизматрасонӣ, истиқоматӣ ва ё берун аз онҳо дар ҳуҷраҳои алоҳида ҷойгир шуда, тавассути сохтан, азнавсозӣ, таҷдид бо истифода аз масолеҳи гуногун, сохта шаванд. Намуди берунии (дизайн) нуқтаи мубодилае, ки дар дохили бино ҷойгир аст, бояд ба ороиши дохилии он мувофиқ ва ба меъёрҳои эстетикӣ ҷавобгӯ бошад. Нуқтаи мубодилаи берун аз бино ҷойгирбуда, бояд ба талаботҳои аз тарафи меъмори шаҳр (ноҳия) ба ороиши намуди берунаи биноҳои истеҳсолӣ пешниҳодкардашуда ва ба меъёрҳои эстетикӣ мувофиқ бошад;

2) нуқтаи мубодилаи берун аз биноҳои таъиноти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ ва ё дар ҳуҷраи алоҳида ҷойгиршуда, ки воридгоҳи алоҳида доранд аз ду қисм: ҷойи кори хазинадор – ҳуҷра ва ҷои исти муштарӣ – даҳлез (айвон) иборат бошад.

Ҳуҷраи хазинадор бояд аз дигар ҷойҳои корӣ ҷудо бошад ва амалиёти мубодила тавассути тирезаи муҷаҳҳазшудаи он анҷом дода шавад. Тирезаи (равзанаи) ба ҷониби кӯча кушодашавандаи он танҳо барои таъмини рӯшноӣ ва таҳвияи ҳуҷра истифода шуда, бо панҷараи оҳанин муҷаҳҳаз шавад.

Даромади ҳуҷра аз даҳлез ё худ аз тарафи дигар буда метавонад. Даҳлез бояд дари даромад ва шароити барои муштарӣ мусоиди анҷомдиҳии амалиёти мубодила ва бозшумории маблағҳои пулиро дошта бошад.

Ҳуҷра ва даҳлез бояд рушноӣ ва таҳвияи барои кори босамар ва безарари хазинадор кифояро дошта бошанд;

3) масоҳати ҳуҷра бояд на камтар аз 3,0м² , даҳлез на камтар аз 1,5м² ва баландии онҳо на камтар аз 2,0м бошад;

4) деворҳо ва дари даромади ҳуҷраи хазинадор, ки дар беруни биноҳо ҷойгиранд, метавонанд аз масолеҳи гуногуни сохтмонӣ, унсурҳои оҳанӣ, аз шишаҳои ношаффофи ғафс сохта шуда, аз дохил бо панҷараи оҳанин муҷаҳҳаз карда шаванд.

Девори (намои) пеши ҳуҷраи хазинадори нуқтаи мубодила бояд мушоҳидаи аёнии вазъият, амнияти хазинадор, бемалол анҷом додани амалиёт бо дороиҳо ва гуфтушунид бо муштариёнро таъмин созад.

5) Барои гирифтан ва додани дороиҳо дар тирезаи хазинавии ҳуҷра, бояд ҷойгир намудани воситаҳое, ки механизми идоракунии он дар дохили ҳуҷра дар ҷои барои хазинадор созгор ҷойгир аст, пешбинӣ карда шавад.

6) Ҳуҷраи хазинадор бояд воситаҳои кифояи зидди сӯхтор дошта бошад.

7) Бо мақсади таъмини бехатарии фаъолият ва амнияти кормандону муштариён, нуқтаи мубодила бояд бо таҷҳизоти сабт, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ мебошад, муҷаҳҳазонида шавад:

а) ғунҷоиши хотиравии сабти наворҳои ҳадди ақал 5 рӯзи бефосилаи тақвимӣ;

б) мавҷудияти таҷҳизот ва шароити нигаҳдорӣ барои ҳифзи сабтҳо;

в) имконият ва шароити кори бетанаффус ҳангоми қатъи муваққатии барқ ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт;

г) таъмини сабти мукаммали наворҳо дар давоми рӯзи корӣ.

8) Агар дороиҳои моддӣ дар вақти берун аз реҷаи корӣ дар нуқтаи мубодила нигоҳ дошта шаванд, дар ин маврид ҳуҷраи хазинадори нуқтаи мубодила бо таҷҳизоти додани садои бонги хатар, ки ба маркази мақоми дахлдори таъмини амнияти ҷамъиятӣ пайваст мебошад, таҷҳизонида мешавад.

9) Ҳуҷраи нуқтаи мубодила бояд ҷевони оҳанин барои нигоҳдории дороиҳо, воситаҳои ҳисобу китоби пул, васоити муайянкунии асолати асъор (детекторҳо, пурбинҳои ҳашт маротиба калонкунанда) компютер ё факс ва мизу курси дошта бошад.

Таҷҳизот ва ашёву амвол бояд дар китоби махсус ба қайд гирифта шуда, рақамгузорӣ шаванд. Рӯйхати онҳо дар ҳуҷраи хазинадор нигоҳ дошта мешавад.

42. Нуқтаи мубодила бояд:

а) овеза ба забони давлатӣ, бо нишондоди рақами бақайдгирӣ ва тобеияти он ба бонк (филиал) ва ё шахси ваколатдор;

б) қурбнома, ки дар он маълумот дар бораи қурби хариду фурӯши асъор пешниҳод мешавад;

в) тахтаи иттилоотӣ, ки чун қоида дар даҳлези ҳуҷраи хазинадор дар ҷои барои муштариён назаррас овехташуда, дорои санаду маълумотҳои зерин мебошад:

- нусхаи Тасдиқнома ва ё Иҷозатнома;

- фармон (санад) оид ба қурби хариду фурӯши асъор;

- реҷаи кории нуқтаи мубодила;

- номгӯи амалиёти мубодилае, ки ин нуқтаи мубодила анҷом медиҳад;

- ҳаққи хизмате, ки нуқтаи мубодила барои анҷом додани баъзе намудҳои амалиёти мубодила талаб менамояд (майда кардан, иваз намудан, санҷиши аслияти асъори хориҷӣ);

- ному насаб ва рақами телефони шахсони масъуле, ки барои кори ин нуқтаи мубодила ҷавобгаранд;

- рақами телефонҳои вохиди сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии вай, ки назорати фаъолияти нуқтаҳои мубодиларо анҷом медиҳанд, дошта бошад.

43. Дар нуқтаи мубодила бояд беруннависи (нусхаи) тасдиқшудаи фармони (санади) бонк ва шахси ваколатдор оид ба таъини хазинадори нуқтаи мубодила (ё ба вазифаи дигар) мавҷуд бошад.

Хазинадори нуқтаи мубодила бояд дорои ҳуҷҷате бошад, ки шахсияти ӯро тасдиқ кунад.

Байни бонк ва ё шахси ваколатдор ва хазинадори нуқтаи мубодила оид ба масъулияти пурраи инфиродии моддии хазинадор шартнома баста мешавад.

Ба шахси дигар вогузор кардани иҷрои ӯҳдадориҳои хидматии хазинадор манъ аст.

Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот аз ҷониби мақоми назоратӣ нисбати шахси бегона тибқи тартиби қонунгузорӣ оид ба қонунвайронкунии маъмурӣ Протокол (Пайнавишт) тартиб дода шуда, нуқтаи мубодила баста мешавад.

44. Нуқтаи мубодила бояд дорои мухре (тамғае) бошад, ки дар он рақами бақайдгирӣ ва номи бонки ваколатдор (филиали вай) ё ному насаби шахси ваколатдореро, ки ин нуқтаи мубодила ба онҳо тааллуқ дорад, дарҷ шудааст.

45. Нуқтаи мубодила бояд бо маводи маълумотӣ ва воситаҳои техникии хоси муайян намудани аслият ва пардохтпазирии пули миллӣ ва асъор, таъмин бошад.

Хазинадори нуқтаи мубодила бояд қоидаи муайянкунии аслияти асъорро донад, малакаю маҳорати татбиқи ин қоидаҳоро дошта бошад ва вазифадор аст, аслият ва пардохтпазирии пули миллӣ ва асъорро мутобиқи Замимаи №4 Дастурамали мазкур санҷад.

46. Фаъолияти нуқтаи мубодила дар ҳолатҳои зерин муваққатан боздошта мешавад:

а) бо фармони (санади) бонк ва шахсони ваколатдор ҳангоми ба рухсатии меҳнатӣ рафтан, тибқи варақаи корношоями ба кор набаромадани хазинадор ва ё ҳангоми таъмиру тармими ҳуҷраи хазинадор;

б) бо қарори мақоми назоратӣ дар асоси санади санҷишӣ ҳангоми иҷро накардани талаботҳои бандҳои 9, 11, 15 ва 21 Дастурамали мазкур;

в) ҳангоми гумонбар будан ва ё алоқамандӣ доштани корманди нуқтаи мубодила ба содир кардани ҷиноятҳои асосие, ки қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм муқаррар кардааст.

47. Фаъолияти нуқтаи мубодила дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

а) дар асоси фармони (санади) бонки ваколатдор ва ё шахси ваколатдор;

б) ба охир расидани мӯҳлати эътибори Иҷозатнома;

в) дар нуқтаи мубодила фаъолият кардани шахси бегонае, ки корманди он нест;

г) аз воситаи гардони эълоншуда (додашуда) беасос зиёд ё кам будани маблағҳои пулии хазина;

д) бо қарори мақоми назоратӣ.

## БОБИ 3. ТАРТИБИ АНҶОМ ДОДАНИ АМАЛИЁТИ МУБОДИЛА ВА БАРАСМИЯТДАРОРИИ ОНҲО

48. Хариду фурӯши асъори нақд ба маблағи мутаносиб то ба 14’000 (чордаҳ ҳазор) сомонӣ бе пешниҳод намудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва барои маблағи мутаносиби аз он зиёдбуда бо пешниҳоди ҳатмии ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият анҷом мегирад.

49. Хариду фурӯши асъори нақд мутаносибан дар феҳристи хариду фурӯш ё табдил бо тартиби дар Замимаҳои №5 ва №6 Дастурамали мазкур муқарраршуда ва ё Дафтар ба қайд гирифта мешавад.

50. Хариду фурӯш ва табдили асъори нақд бо варақаҳои ҳисоботдиҳии махсус «Маълумотномаи Ф.№377» (минбаъд - Шакли 377) ба расмият дароварда мешаванд.

51. Шакли 377 ҳуҷҷати асосии назорати асъор ва тасдиққунанда ҳангоми анҷом додани амалиёти мубодила ва гирифтани асъори нақд ба ҳисоб меравад.

Ба расмият даровардан ва додани Шакли 377 ба муштариён бидуни анҷом додани амалиёти мубодила ва пешниҳоди шиноснома, ба истиснои ҳолатҳои пешбини намудаи Дастурамали мазкур, манъ аст.

52. Қарордодҳои хариду фурӯши асъори нақд ба маблағи мутаносибан аз 14’000 (чордаҳ ҳазор) сомонӣ зиёдбуда бо дархости муштарӣ дар Шакли 377 ба расмият дароварда мешаванд.

Агар силсила ва рақами ҳуҷҷате, ки шахсияти муштариро тасдиқ мекунанд, нишон дода нашаванд ва ё Шакли 377 бо хатогиҳо пур карда шавад, он гоҳ хазинадори нуқтаи мубодилаи асъор дар ҷои дахлдори Шакли 377 аломати «XXX» мегузорад ва дар рӯи он ба тарзи диагоналӣ хати сурх мекашад.

53. Шакли 377-и бо мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти муштарӣ пуршуда барои аз қаламрави ҷумҳурӣ баровардани асъори нақд ба маблағи мутаносибаи аз 14’000 (чордаҳ ҳазор) сомонӣ зиёд буда ва инчунин барои аз ҷониби бонки ваколатдор (филиали вай) ва Бонки

миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) ба расмият даровардан ва ба ӯ додани "Рухсатнома" – иҷозат ҷиҳати аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун бурдани асъори нақд ба маблағи мутаносибан аз 70'000 (ҳафтод ҳазор) сомонӣ зиёд буда асос ба ҳисоб меравад.

Шакли 377 ва «Рухсатнома» ба муштариён инчунин ҳангоми аз суратҳисобҳои асъорӣ ба онҳо додани асъори нақд ва ҳангоми дар шакли нақдӣ ба онҳо додани маблағи аз хориҷа бе кушодани суратҳисоби бонки интиқолшуда, низ дода мешавад.

«Рухсатнома» дар асоси Шакли 377-и аз ҷониби хазинадорони нуқтаҳои мубодилаи шахсони ваколатдор ба расмият дароварда шуда, аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) дода мешавад.

«Рухсатнома» – ро шахсони масъули бонки ваколатдор (филалҳои он) ва Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) ба имзо расонида, бо мухр тасдиқ менамоянд.

## БОБИ 4. ТАРТИБИ ҲИСОБОТДИҲӢ ВА НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ НУҚТАҲОИ МУБОДИЛА

54. Бонкҳои ваколатдор ҳар моҳ то таърихи 5-уми моҳи баъди моҳи ҳисоботӣ оянда дар бораи нуқтаҳои мубодилае, ки дар ин давра кушода ва бастаанд, ба Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) маълумоти ҷамъбастӣ пешниҳод мекунанд.

55. Хазинадорони нуқтаҳои мубодила дар анҷоми рӯзи корӣ бо назардошти тартиби дар банди 28 Дастурамали мазкур нишон додашуда оид ба натиҷаҳои фаъолияти худ мутобиқи Замимаи №7 Дастурамали мазкур ҳисобот омода карда ба бонки ваколатдор (филиали он) ва ё шахси ваколатдор пешниҳод менамоянд.

56. Маълумоти ҷамъбастӣ оид ба ҳаҷм ва қурби миёнавазни қарордоди хариду фурӯш ва табдили асъор дар нуқтаҳои мубодила ба ҳисоботи умумии бонкҳои ваколатдор оид ба ҳаҷми харид ва фурӯши асъор дар бозори дохилӣ ҳамроҳ карда шуда, ҳар рӯз ба Бонки миллии Тоҷикистон (шӯъбаҳои минтақавии вай) пешниҳод мегардад.

57. Шахсони ваколатдор ба Бонки миллии Тоҷикистон (шӯъбаҳои минтақавии вай) то санаи 10 - уми моҳи баъди моҳи ҳисоботӣ оянда, ҳисоботи ҳармоҳа оид ба фаъолияти нуқтаҳои мубодиларо мутобиқи Замимаи №8 Дастурамали мазкур пешниҳод менамоянд.

58. Бонкҳо ва ё шахсони ваколатдор тамоми маълумоти дигареро, ки ба фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи онҳо дахл дорад, бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон (шӯъбаҳои минтақавии вай) тибқи шакл ва муҳлати муайянкардаи вай пешниҳод намоянд.

59. Роҳбарони бонкҳо (филиалҳои онҳо) ва шахсони ваколатдор ва масъулини онҳо вазифадоранд, ки тартиби анҷом додани амалиёти мубодила, ҳолати истифодаи воситаҳои гардон, супоридани даромад, барасмиятдарории амалиётҳо ва ҳамчунин ҳифзу нигаҳдории дороиҳоро дар нуқтаҳои мубодила на кам аз ду маротиба дар як моҳ, санҷанд.

60. Роҳбарияти бонкҳо ва шахсони ваколатдор бояд фавран ҳамаи ҳолатҳои ошкоршудаи вайронкунии қоидаҳои муқарраргардидаи фаъолияти нуқтаҳои мубодиларо, ки дар санади санҷишӣ қайд шудаанд баррасӣ намоянд ва барои рафъ намудан ва минбаъд роҳ надодан ба онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

61. Воҳиди сохтории дахлдори мақоми назоратӣ ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти ҳар як нуқтаи мубодилаи амалкунандаро бевосита санҷад ва дар ҳолати риоя нашудани муқаррароти Дастурамали мазкур ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор нисбати бонкҳо ва ё шахсони ваколатдор чораҳои таъсиррасон татбиқ намояд.

Аз рӯи натиҷаи санҷиш санад тартиб дода шуда, аз тарафи тафтишкунанда ва кормандони нуқтаи мубодила имзо мегардад. Хазинадор ва масъули нуқтаҳои мубодила вазифадоранд, ки дар рӯзи гузаронидани санҷиш ба роҳбарияти бонкҳо ва шахсони ваколатдор санади санҷишии мақоми назоратиро пешниҳод намоянд.

62. Роҳбарияти бонкҳо ва шахсони ваколатдор дар муҳлати то панҷ рӯз бояд санади санҷишро баррасӣ намоянд, нисбат ба шахсони гунаҳкор, рафъи камбудиҳо ва иҷрои тавсияҳое, ки дар санад ишора шудаанд, чораҳо андешанд ва аз натиҷааш ба мақоми назоратӣ маълумот пешниҳод намоянд.

Бонкҳо ва шахсони ваколатдор вазифадоранд ҳар як нуқтаи мубодиларо бо Дафтари бақайдгирии санҷиш таъмин намоянд.

Намояндагони ваколатдори мақоми назоратӣ, шахсони масъули бонк ва шахси ваколатдор вазифадоранд дар ҳолати гузаронидани санҷиш дар Дафтари бақайдгирии санҷиш қайд ворид кунанд.

63. Қайд накардани санҷиш дар Дафтари бақайдгирии санҷиш ба хазинадори нуқтаи мубодила ҳуқуқи ба санҷиш роҳ надодан ин шахсонро медиҳад.

## БОБИ 5. МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ТАЛАБОТ

64. Таъмини иҷрои талаботи Дастурамали мазкур ба зиммаи масъулини бонкҳо ва шахсони ваколатдор гузошта шуда, назорати риояи онҳо аз ҷониби сохторҳои ваколатдори мақоми назорати дар маҳалҳо анҷом дода мешавад.

65. Дар ҳолати ошкор гардидани вайронкунии талаботи Дастурамали мазкур мақоми назоратӣ:

а) ба бонкҳо ва шахсони ваколатдор оид ба бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоргардида дар муҳлати муайян амрнома ирсол менамояд;

б) ҳангоми дар муҳлати муайяншуда иҷро накардани амрнома ё такроран вайрон кардани талаботи Дастурамали мазкур, маҳз барои вайронкунии тартиби анҷомдиҳӣ ва барасмиятдарории амалиёти мубодила, набурдани ҳисобот ё бурдани ҳисоботи ин амалиёт бо вайронкунии талабот, пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо ва маълумот оид ба амалиёти мубодила ба мақоми назоратӣ, бесабаб кор накардан ё бастани дари нуқтаи мубодила аз бонкҳои ваколатдор ва шахсони ваколатдор тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷарима ситонад;

в) фаъолияти нуқтаи мубодиларо ба муҳлати то панҷ рӯз муваққатан боздошта, дар ин муҳлат оид ба бекор кардани бақайдгирии ин нуқтаи мубодила ва бастани он ё додани иҷозати давомдиҳии фаъолият қарор қабул намояд, агар камбудиҳои дар амрнома омада дар муҳлати муайяншуда бартараф карда нашаванд ё дар вақти санҷиш маблағи бақияи хазина бо маблағи воситаҳои гардон ва феҳристҳои хариду фурӯши асъор ё табдил (Дафтар) мувофиқат накунад ё хазинадори нуқтаи мубодила беасос ба муштариён фурӯхтани асъорро рад карда бошад ё қурби қарордодҳои хариду фурӯши дар лавҳа нишондодшуда ба фармон (санад) мувофиқ набошад, ё дар нуқтаи мубодила шахси бегона фаъолият дошта бошад;

г) масъалаи боздоштани ҳуқуқи бонкҳои ваколатдор оид ба кушодан ва ба қайд гирифтани нуқтаҳои мубодила то муҳлати як сол ё гузаронидани амалиёти мубодиларо то муҳлати як сол гузорад, агар вайронкуниҳо дар ин нуқтаи мубодила якчанд маротиба (аз 2 маротиба зиёд) ҷой дошта бошанд ё якчанд маротиба (аз 2 маротиба зиёд) супоришот дар муҳлате, ки дар амрномаи мақоми назоратӣ оид ба бартараф намудани камбудиҳо нишон дода шуда иҷро нашуда бошанд.

Замимаи №1
ба Дастурамали №202 "Дар бораи
тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди
иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи
асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият"

Дар варақаи расмии бонки ваколатдор

**Т А С Д И Қ Н О М А И №__**

Дода шуд ба шаҳодати он, ки нуқтаи мубодилаи воқеъ дар суроғаи:____________________________________________________________

(мавқеи аниқи ҷойгиршавии нуқтаи мубодила)

ба ____________________________________________________ тааллуқ дошта, бо

(номи бонки ваколатдор ё филиали он)

№______ аз «__» _______________ соли 20__ ба қайд гирифта шудааст.

Раис (муовини Раис,) роҳбари
(муовини роҳбари) филиал, ________ ________________

(имзо) (ному насаб)

(ҷойи муҳр)

Замимаи №2
ба Дастурамали №202 "Дар бораи
тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди иҷозатнома
барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи
асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият"

**МАЪЛУМОТНОМА**
**дар бораи хазинадори нуқтаи**

мубодилаи______________________________________________________
(номи бонки ваколатдор, ному насаби шахсони ваколатдор)

Шаҳрванд______________________________________________________________
__

Соли таваллуд ____________, нишонии
хона__________________________________________________

телефон: хонагӣ______________, корӣ__________________мобилӣ:__
______________________

Маълумот_____________________,__________________________хатм намудааст.
(олӣ, олии нопурра, миёнаи махсус, миёна, соли хатм ва номи муассисаи таълимӣ)

Ихтисос аз рӯи
маълумот____________________________________________________

Тайёрии махсус (кай ва дар куҷо)
__________________________________________________________

Кадом забонҳои хориҷиро медонад (бо луғат мехонад, фаҳмонда метавонад, озод гап мезанад)

Корҳои пешина:
__________________________________________________________________________

(сол, вазифа ва ҷойи кор муфассалан нишон дода шавад)

Раис (Муовини Раис,) роҳбари
(муовини роҳбари) филиал,
шахси ваколатдор _________________ _________________________
(имзо) (ному насаб)
(ҷойи муҳр)

Замимаи №3
ба Дастурамали №202 "Дар бораи
тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди
иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи
асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият"

Дар варақаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон

**И Ҷ О З А Т Н О М А И № ____**
**БАРОИ АНҶОМДИҲИИ АМАЛИЁТИ МУБОДИЛАВӢ**

Дода шуд ба шаҳрванд: ____________________________________________

(ному насаб)

дар ин хусус, ки ӯ ҳуқуқи кушодани нуқтаи мубодилаи асъор бо нишонии__________________________

(номи шаҳр (ноҳия))

___________________________________________________________________

(мавқеи аниқи ҷойгиршавии нуқтаи мубодила)

ва анҷом додани амалиёти мубодилавӣ дар онро дорад.

Раис (Муовини Раис)

Иҷозатнома «___» ________ соли 20___ дар Китоби бақайдгирии нуқтаҳои мубодилаи шахсони воқеӣ сабт шуда, то "___"_______ соли 20___ амал мекунад.

Таърихи додани Иҷозатнома «___» ______ соли 20___

Замимаи №4
ба Дастурамали №202 "Дар бораи
тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди
иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи
асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият"

**Қоидаҳои муайянкунии нишонаҳои аслият ва пардохтпазирии пулҳои коғазии давлатҳои хориҷӣ**

1. Пулҳои коғазӣ (банкнотҳо, билетҳои хазинадорӣ)-и давлатҳои хориҷӣ дар ҳолатҳои зерин пардохтпазир дониста мешаванд:

а) пулҳои коғазие, ки нишонаҳои асосии пардохтпазир буданро нигоҳ доштаанд: номи бонки марказӣ (миллӣ) ношир, рақам ва силсила, арзиш бо рақам ва ҳуруф, расм (тасвир)-и асосии рӯй ва пушти пули коғазӣ, ҳамчунин унсурҳои ҳимоя аз сохтакорӣ (нишонаи обӣ, аломатҳои магнитӣ, ки ба коғаз ворид карда шудааст, нахҳои рангин, аз ҷумла нахҳое, ки дар зери шуоъҳои ултрабунафш дида мешаванд, конфетти, риштаҳои ҳимоявӣ, резаматн, расмҳое, ки рангашон тағйир меёбанд ва ғ.)

б) пулҳои коғазӣ, ки фарсудагӣ ва ифлосӣ доранд;

в) пулҳои коғазӣ, ки кунҷ ё қисмҳои даридаашон (майдони на бештар аз 1-2 см. квадратӣ) ширеш карда шудааст, агар қисмҳои ҷудогардида, бешубҳа ба ин банкнот тааллуқ дошта бошанд;

г) пулҳои коғазӣ, ки қисмҳои даридагии ширешшуда доранд, агар онҳо зиёда аз чоряк ҳиссаи паҳнои банкнотро фаро нагиранд;

ғ) пулҳои коғазӣ, ки доғҳои хурди равғанӣ ва доғҳои дигар, навиштаҷот ва пайи тамға доранд (ба ғайр аз тамғаҳое, ки дар хусуси асл набудани банкнот шаҳодат медиҳанд), дар ҳолате ки агар онҳо ба муайян намудани асолати банкнот монеъ нашаванд ва яке аз аломатҳои асосии пардохтпазир будани дар зербанди «а»-и банди мазкур нишондодашударо ба таври назаррас (бештар аз 50 %) пинҳон насозанд.

д) банкнотҳое, ки сӯрохии диаметрашон на бештар аз 0,5 мм доранд;

е) пулҳое, ки аз ҷониби бонки марказии (миллии) нашири давлати хориҷии дахлдор аз муомилот баровардашуда эълон шудаанд, то таърихе, ки дар муомилот боқӣ мемонанд.

Баъди фаворасии таърихи аз муомилот гирифтани пулҳо, пулҳои мазкур аз тарафи бонки марказии (миллии) ношир пардохтнопазир эълон мегарданд ва танҳо барои иваз қабул карда мешаванд.

Таърихи аз муомилот гирифтани пулҳо, ки аз тарафи бонки марказии (миллии) нашири давлати хориҷии дахлдор эълон шудааст, дар маводи иттилоотии Бонки миллии Тоҷикистон нишон дода мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар хусуси тағйирот дар муомилоти нақдию пулии давлатҳои хориҷӣ ба ташкилотҳои қарзӣ хабар медиҳад.

2. Пулҳои (банкнотҳо, билетҳои хазинадорӣ)-и давлатҳои хориҷӣ вобаста ба асосҳои зерин пардохтнопазир дониста мешаванд:

а) пулҳои ба қисмҳо ҷудошуда ва ширешгардида;

б) пулҳое, ки нишонаҳои асосии қобили пардохт буданро нигоҳ надоштаанд;

в) пулҳое, ки ранги ибтидоиро тағйир додаанд ё рангашон паридааст;

г) пулҳои нимсӯхта ва сӯхта;

ғ) пулҳое, ки ба онҳо пурра ё дар қисмати зиёдашон ранг, сиёҳӣ, равған рехтааст;

д) пулҳое, ки зери таъсири реактивҳои кимиёвӣ қарор гирифтаанд, аз ҷумла реактивҳое, ки боиси партавафкании коғаз зери шуоъҳои ултрабунафш гаштаанд;

е) пулҳое, ки қасдан дучори осеб гардидаанд (расмҳои асосӣ, аз ҷумла сурати одамон тағйир дода шудааст, риштаи ҳимоявӣ гирифта шудааст, мавҷуд будани навиштаҷоти зиёд, ки зери шуоъҳои ултрабунафш дида мешаванд);

ж) пулҳое, ки андозаи ҳандасиашон (геометриашон) ба миқдори 3 мм кам ё зиёд гардидааст.

и) пулҳои давлатҳои хориҷӣ, ки баъди таърихи эълоннамудаи ташкилоти қарзии нашири давлати хориҷии дахлдор аз муомилот гирифта шудаанд ва ба маълумоти ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон расонида шудаанд.

3. Бо дарназардошти имконият, пулҳои пардохтнопазири давлати хориҷӣ мумкин аст ба пулҳои қобили пардохти ҳамон давлати хориҷӣ ё сомонӣ бо ситонидани подоши ҳаққи хизмат иваз карда шаванд.

Замимаи №5
ба Дастурамали №202 “Дар бораи
тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди
иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи
асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият”

**Феҳристи**
**хариду фурӯши асъори хориҷӣ дар санаи “____ “ ________ соли 20__**

| | Воситаҳои гардон | | Фармони (санади) №___ аз «___» ______ соли 2013 | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | дар оғоз | дар анҷом | | Қурби | |
| бо сомонӣ | | | | харид | фурӯш |
| бо долл.ИМА | | | долл.ИМА | | |
| бо рубли русӣ | | | рубли русӣ | | |
| бо Евро | | | евро | | |
| асъори дигар | | | асъори дигар | | |

| р/т | Номи асъор | Харид (бо воҳиди асъор) | Хароҷот (бо сомонӣ) | Фурӯш (бо воҳиди асъор) | Даромад (бо сомонӣ) | Рақами Маълумотномаи Ф№377 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| 7 | | | | | | |
| 8 | | | | | | |
| 9 | | | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | | | |
| 840 | долл.ИМА | | | | | |
| 643 | рубли русӣ | | | | | |
| 978 | евро | | | | | |
| | асъори дигар | | | | | |
| | | Ҷамъ: | | | | |
| | | Даромад (ҷамъи сутуни 6-сутуни 4) | | | | |

Хазинадор __________________ ________________________

(имзо) (ному насаб)

Замимаи №6
ба Дастурамали №202 "Дар бораи
тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди
иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи
асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият"

Феҳристи
табдил дар санаи "____ " ________ соли 20__

| р/т | намуди асъор | Табдил | | Рақами Маълумотномаи ФN№377 |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |
| 4 | | | | |
| 5 | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | |
| 840 | долл.ИМА | | | |
| 643 | рубли русӣ | | | |
| 978 | евро | | | |
| | асъори дигар | | | |
| | | Ҷамъ: | | |

Хазинадор _________________ ______________
(имзо) (ному насаб)

Замимаи №7
ба Дастурамали №202 "Дар бораи
тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди
иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи
асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият"

___________________________________________
(рақами нуқтаи мубодила)

___________________________________________
(ному насаби корманди нуқтаи мубодила)

**Ҳисоботи**
**нуқтаи мубодила дар санаи «_____» ____________ с.20__**

Маблағи воситаҳои гардон:
а) бо сомонӣ _______________
б) бо асъор _______________

| т/р | | Номгӯи амалиёт | сомонӣ | | асъор | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | даромад | хароҷот | даромад | хароҷот |
| 1 | **Бақияи хазина дар оғози рӯз бо:** | | | | | |
| | 1.1. | сомонӣ | | | | |
| | 1.2. | доллари ИМА | | | | |
| | 1.3. | рубли Русия | | | | |
| | 1.4. | EURO | | | | |
| | 1.5. | асъори дигар | | | | |
| 2 | **Асъори дар давоми рӯз харидашуда** | | | | | |
| | 2.1. | доллари ИМА | | | | |
| | 2.2. | рубли Русия | | | | |
| | 2.3. | EURO | | | | |
| | 2.4. | асъори дигар | | | | |
| 3 | **Асъори дар давоми рӯз фурӯхташуда** | | | | | |
| | 3.1. | доллари ИМА | | | | |
| | 3.2. | рубли Русия | | | | |
| | 3.3. | EURO | | | | |
| | 3.4. | асъори дигар | | | | |
| 4 | **Ҳамаи муомилот (сомонӣ) қисми 2 + қисми 3** | | | | | |
| 5 | **Бақияи хазина дар охири рӯз бо:** | | | | | |
| | 5.1. | сомонӣ (сатри 1.1. – хароҷоти қисми 4 + даромади қисми 4) | | | | |
| | 5.2. | доллари ИМА (сатри 2.1. – сатри 3.1) | | | | |
| | 5.3. | рубли Русия (сатри 2.2.-сатри 3.2) | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 5.4. | EURO (сатри 2.3. - сатри 3.3) | | | | |
| | 5.5. | асъори дигар (сатри 2.4 – сатри 3.4) | | | | |
| **6*** | Даромади умумӣ бо сомонӣ ((сатри 5.1. – сатри 1.1.) + ҳаққи хизматона) | | | | | |
| Варақаи ҳисоботдиҳии махсус Маълумотномаи Ф №377» (бо адад) | | | **Гирифта шуд** | | **харҷ гардид** | **боқӣ монд** |
| | | | | | | |

_________________________ корманди нуқтаи мубодила

(имзо)

(ҷои муҳр)

Ҳисоботро тафтиш кард___________________________________________________________

(ному насаби корманди масъул бонк ва шахси ваколатдор)

«____» __________ с. 20__

Замимаи №8
ба Дастурамали №202 "Дар бораи
тартиб ва қоидаҳои додан, асосҳои рад ва ё бозхонди
иҷозатнома барои фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи
асъор ва тартиби анҷомдиҳии ин фаъолият"

______________________________________

(рақам ва санаи додани Иҷозатнома)

Ҳисобот
оид ба ҳаҷми хариду фурӯш ва табдили асъори хориҷӣ дар моҳи ___________ соли 20___

______________________________________

(ному насаби шахси ваколатдор)

«______» _________ соли 20___ ___________________________

(маҳалли ҷойгиршавӣ)

Шумораи нуқтаҳои мубодилаи амалкунанда:____ (адад)

| Рамзи асъор | номи асъор | Харид | Қурби миёна | Фурӯш | Қурби миёна | табдил |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 840 | | | | | | |
| 810 | | | | | | |
| 978 | | | | | | |
| Варақаи ҳисобтдиҳии махсус "Маълумотномаи Ф.№377" (бо адад) | | Гирифта шуд | Харҷ гардид | | Боқи монд | |
| | | | | | | |

Шахси ваколатдор ___________ ___________________

(имзо) (ному насаб)

Ҷои мухр «___» ________ соли 20___

Ҳисоботро тафтиш кард ______________________________________

(имзо ва ному насаби корманди масъули мақоми назоратӣ)